Бо фармоиши Раиси Раёсати Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгзории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»»
аз «28» март соли 2024, 100
тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ «БОНКИ АМОНАТГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «АМОНАТБОНК»» ИФШО НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ВА НАШРИ МАЪЛУМОТ

МУНДАРИҶА

БОБИ 1. МАФҲУМҲОИ ДАР ТАРТИБИ МАЗКУР ИСТИФОДАШАВАНДА

БОБИ 2. ТАЛАБОТҲОИ УМУМӢ ҲАНГОМИ ИФШО НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲО БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНК

БОБИ 3. ИФШОИ МАЪЛУМОТ БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ТО БАСТАНИ ШАРТНОМА

БОБИ 4. ТАЛАБОТИ УМУМӢ НИСБАТИ МУНДАРИҶАИ МАЪЛУМОТИ НАШРШАВАНДА

БОБИ 5. НАШРИ МАЪЛУМОТ ДАР СОМОНАИ БОНК

БОБИ 6. НАШРИ МАЪЛУМОТ ДАР НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ

БОБИ 7. ҶОЙГИР КАРДАНИ МАЪЛУМОТ ДАР МАҲАЛҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНК

БОБИ 8. ТАЛАБОТ НИСБАТИ МУНДАРИҶАИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА

БОБИ 9. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

# ТАРТИБИ БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ «БОНКИ АМОНАТГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «АМОНАТБОНК»» ИФШО НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКӢ ВА НАШРИ МАЪЛУМОТ

Тартиби ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»» ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасонии бонкӣ ва нашри маълумот (минбаъд дар матн «Тартиб» ё «Тартиби мазкур») бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»» (минбаъд «Бонк»), таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти он таҳия карда шуда, талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо ва нашри намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МАФҲУМҲОИ ДАР ТАРТИБИ МАЗКУР ИСТИФОДАШАВАНДА

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **авторизатсия** - тартиби тасдиқ намудани ваколатҳои дорандаи корт аз ҷониби ношир барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ;
- **аутентификатсия** - раванди тасдиқи аслият тавассути муқоиса намудани гузарвожаи дохилнамудаи истифодабаранда бо гузарвожа дар низоми иттилоотӣ;
- **амонат** - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба бонк барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;
- **Бонк** – КВД БА ҶТ «Амонатбонк»;
- **воситаҳои пардохти электронӣ**- воситаҳо ва ё усулҳое, ки ба муштарии Бонк барои омода, тасдиқ ва ирсол намудани супориши интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои муқарраргардидаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомили электронии иттилоот, аз ҷумла, корти пардохтии бонкӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ, имконият медиҳад;
- **резидентҳо** - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ҳамин сифат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» эътироф шудаанд;
- **ғайрирезидентҳо** - шахсони воқеие, ки резидент намебошанд;
- **корти пардохтии бонкӣ (Корт)** - воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби ношир пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дасграсии фосилавӣ дорад;

- **дорандаи корт** - шахси воқеӣ ё шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси Тартиби пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад;
- **ифшои маълумот** – пешниҳоди маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ дар бораи шартҳои хизматрасонии Бонкба тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ, аз ҷумла то ба имзо расонидани шартнома, ҳангоми ба имзо расонидани шартнома ва дар муддати эътибори шартнома, ки талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии он бо Тартиби мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои дохилии Бонк муқаррар карда шудааст;
- **нашри маълумот** – таъмини дастрасии маълумот тавассути ҷойгир кардан дар воситаҳои ахбори омма (минбаъд – ВАО), нашрияҳои чопӣ, маҳалли фаъолияти Бонк, сомонаи расмӣ ва шабакаи иҷтимоии он;
- **бюллетени ахборӣ (иттилоотӣ)** – нақша, бюллетенҳо, брошура, буклет ва дигар нашрияҳои чопӣ, ки дар онҳо оид ба Бонк ва хизматрасониҳои аз ҷониби он пешниҳодшаванда маълумот дарҷ шудааст;
- **кортҳои локалӣ (дохилӣ)** - корте, ки танҳо дар доираи шабакаи терминалии бонк хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **кортҳои миллӣ** - корте, ки дар доираи шабакаи терминалии иштирокчиёни Низоми пардохтии миллии "Корти миллӣ" хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **корти байналмилалӣ** - кортҳои байналмилалӣ, ки дар доираи шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви низомҳои пардохти байналмилалӣ мебошанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **корти муштаракнишон (кобейҷ корт)** - корти пардохтии бонкие, ки аз тарафи ношир дар доираи ҳамкории ду низоми пардохтӣ бароварда шудааст;
- **қарз** - маблағе, ки аз ҷониби бонк ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода шудааст;
- **истеъмолкунандаи хизматрасонии низоми бонкӣ (муштарӣ, истеъмолкунанда)** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз хизматрасониҳои Бонкистифода мебарад ё мақсад дорад истифода барад;
- **мушаххаскунӣ** - тартибе, ки дар натиҷаи иҷрои он субъекти мурочиаткунанда бо мушаххасоти инфиродӣ ва ягонаи дар низоми иттилоотӣ бақайдгирифташуда мушаххас карда мешавад ва тасдиқ меёбад. Барои иҷрои тартиби мушаххаскунӣ дар низоми иттилоотӣ ба муштарӣ пешакӣ бояд мушаххасоти дахлдор дода шавад (яъне, муштарӣ дар низоми иттилоотӣ бояд ба қайд гирифта шавад);
- **нуқтаи пешниҳод ва ё қабули пули нақд** - хазинаи бонк, филиали он ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаи хизматрасонии

хазинавӣ ва воҳидҳои сайёр, инчунин агенти пардохтии бонкӣ, ки барои гузаронидани амалиёти пешниҳод ва ё қабули пули нақд ва иҷро намудани ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ пешбинӣ шудааст;

- **овердрафт** - қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи муштарӣ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои Тартиби пешниҳоди корт муайян гаштаанд;
- **пасандоз** - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба бонк бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
- **рақами мушаххаскунандаи шахсӣ** - рамзи шахсие, ки бо мақсади мушаххас кардани дорандаи корт ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ аз тарафи ношир ба дорандаи корт дода мешавад;
- **резидентҳо** - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ҳамин сифат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асор ва назорати асъор» эътироф шудаанд;
- **суратҳисоби бонк** - суратҳисоби бонкии муштарӣ бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки дар бонк кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии муштарӣ инъикос мегардад;
- **суратҳисоби кортӣ** - ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки тавассути он ҳамаи амалиёти ба воситаи корт иҷрогардида ба ҳисоб гирифта мешаванд;
- **суратҳисоби умумикардашудаи кортӣ** - ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки дар он маблағҳои пулии аз рӯи кортҳои пешпардохтӣ аз ҷониби ношир баровардашуда ба ҳисоб шрифта мешаванд;
- **тарафҳо** - Бонк ва муштарӣ;
- **тараф** - Бонк ё муштарӣ;
- **нархномаи хизматрасонии Бонк** - ҷадвале, ки дар он арзиши маҷмуии хизматрасониҳои бонкие, ки бо мақомоти зидиинҳисорӣ мувофиқа шудааст;
- **терминал (ихтисораи pos-терминал мутобиқи амалияи байналмилалӣ)** - таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои хондани маълумот аз корт, таҳия, интиқол ва қабул намудани маълумот дар бораи амалиёт бо корт ба (аз) низоми пардохтии дахлдор имконият медиҳад;
- **хизматрасонии фосилавии бонкӣ (бонкинги электронӣ)** - хизматрасоние мебошад, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оид ба бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Муштарӣ дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ дар бонк имконият медиҳад;
- **ҳамёни электронӣ** - воситаи электронии пардохтӣ, микропротсессор (чип), таъминоти барномавии компютерӣ ва дигар воситаи барномавии техникӣ, ки дар он маблағҳои электронӣ нигоҳ дошта шуда, тавассути он интиқоли маблағҳои электронӣ сурат мегирад;

- **ҳуҷҷати пардохти электронӣ** - маълумоте, ки дар ҳомили мошинӣ сабт шуда, шакли электронии ҳуҷҷати пардохтии когазӣ мебошад, мувофиқи Тартиби низоми пардохтӣ андозаи муқарраршуда дорад ва маълумоти заруриро барои анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ дар бар мегирад;
- **чек** - когази қиматнокест, ки дастури бе ягон қайду шарти чекдиҳанда ба бонк ҷиҳати ба дорандаи чек анҷом додани пардохти маблаги зикргардидаро дар бар мегирад;
- **амонатмобайл** - бонкдории мобилии Бонк, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оид ба бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба муштарӣ (дорандаи бонкинги мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад;

## БОБИ 2. ТАЛАБОТҲОИ УМУМӢ ҲАНГОМИ ИФШО НАМУДАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲО БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНК

2. Бонк ҳангоми муносибат бо истеъмолкунандагон бояд принсипҳои адолат, бовиҷдонӣ, баробарӣ ва кордониро риоя намуда, ифшои маълумотро бо риояи талаботҳои ҳадди ақалли зерин анҷом диҳанд:

- маълумот барои тамоми истеъмолкунандагон ва истеъмолкунандагони эҳтимолии хизматрасониҳо бояд бо ҳуқуқҳои баробар ва дар ҳаҷми баробар пешниҳод гардад;
- маълумот бояд саҳеҳ ва пурра буда, саривақт пешниҳод карда шавад;
- маълумот бояд барои муштарӣ бо забони соддаву фаҳмо пешниҳод гардида, набояд калимаву ибораҳои печидаву душворфаҳм ва истилоҳҳои касбиву техникиро дар бар гирад;
- маълумот бояд ба забони давлатӣ ба муштарӣ пешниҳод карда шавад ва дар ҳолати мувофиқа ҳосил шудан, ба истеъмолкунанда аз ҷониби Бонк бо забони русӣ ё англисӣ низ пешниҳод мегардад;
- маълумот ба муштарӣ бояд бо андозаи чунин ҳарфе пешниҳод гардад, ки ӯ тавонад ба осонӣ маълумоти зарурии худро пайдо кунад;
- маълумот набояд дар шакле пешниҳод гардад, ки шартҳои муҳимро пинҳон сохта ё аҳамияти онҳоро коҳиш дода, тасаввуротеро ба миён орад, ки онҳо муҳим нестанд. Дар робита ба ин ба таҳрифи маънои маълумоте, ки ба дуҳурагӣ оварда мерасонад ё боиси маънидодкунии дигари хусусиятҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мегардад, роҳ дода намешавад;
- маълумот бояд ба санаи пешниҳоди он, тибқи ҳолатҳое, ки муштарӣ изҳор намудааст ва ба шартҳои шартномаи хизматрасонӣ таъсир расонидаанд, аҳамиятнок бошад.

3. Дар муносибат бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои Бонк

бояд қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистонро риоя намуда, меъёрҳои ахлоқии рафтори кориро ба роҳбарӣ гиранд.

## БОБИ 3. ИФШОИ МАЪЛУМОТ БА ИСТЕЪМОЛКУНАНДА ТО БАСТАНИ ШАРТНОМА

4. То бастани шартнома оиди пешниҳоди хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда бояд ифшои пурраи маълумот дар бораи хизматрасонии пешниҳодшаванда таъмин карда шавад. Бонк бояд тамоми чораҳои зарурирo андешад, то ки маълумот дар бораи шартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ, хавфҳои эҳтимолии ба он алоқаманд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, оқибатҳо ва масъулияти ҷонибҳо ба маълумоти истеъмолкунанда расонида шаванд.

5. Пеш аз он ки шартнома оиди пешниҳоди хизматрасонӣ баста шавад, зарур аст (тибқи замимаҳои Тартиби мазкур):

- ба истеъмолкунанда моҳият ва шартҳои асосии хизматрасонии мушаххаси мавриди таваҷҷуҳи ӯ фаҳмонида мешавад;
- истеъмолкунанда бо ҳаҷми тамоми пардохтҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасонии мавриди таваҷҷуҳи ӯ иртибот доранд, шинос карда мешавад;
- ба истеъмолкунанда тартиби пешниҳод, раванд ва муҳлати баррасии мурочиат, ки аз шартнома бармеояд, фаҳмонида мешавад;
- истеъмолкунанда дар бораи ухдадориҳояш бо дарназардошти чораҳои таъсиррасонӣ, ки Бонк метавонад дар ҳолати иҷро нашудани ухдадориҳои истеъмолкунанда (ноустуворона ё ҳамагуна чораҳои дигар, ки вазъи молиявии истеъмолкунандаро бадтар месозанд), ки дар шартнома пешбинӣ шудаанд, хабардор карда мешавад;
- истеъмолкунанда дар бораи шакл, мунтазамӣ ва муҳлати пешниҳоди маълумот (иқтибосҳо, огоҳинома) пас аз ба имзо расонидани шартнома огоҳ карда мешавад;
- то бастани шартнома ба истеъмолкунанда имконият ва муҳлати зарурӣ барои шиносшавӣ бо муқаррароти шартнома дода мешавад;
- дар ҳолате, ки тибқи шартҳои хизматрасонӣ зарурияти истифодабарии хизматрасонии иловагии аз ҷониби шахси сеюм пешниҳодшаванда ҷой дошта бошад, ба истеъмолкунанда интихоби чунин шахси сеюм пешниҳод карда мешавад.

6. Ба муштарӣ бояд маълумоти кофӣ оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳо пешниҳод гардад, то ки ӯ тавонад вобаста ба тақозо ва имкониятҳои молиявиаш маҳсулот ва ё хизматрасонии мутобиқро интихоб намояд.

7. Пеш аз пешниҳоди қарз ё додани маслиҳат оиди гирифтани қарз, бояд вазъи молиявӣ, талаботи молиявӣ ва имкониятҳои молиявии истеъмолкунанда баҳогузорӣ гардида, инчунин иҷрои талаботҳои зерин таъмин карда мешавад:

- то бастани шартномаи қарзӣ бояд маълумоти муфассал дар бораи

шартҳои пешниҳоди қарз, аз ҷумла маълумот оид ба арзиши пурраи он ифшо мегардад;

- ба истеъмолкунанда оқибатҳои иҷро нашудан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани уҳдадориҳои қабулкардаи ӯ ва ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи қарзӣ шарҳ дода мешавад;

- ҳангоми интишор ва паҳн кардани маълумот дар бораи арзиши қарз бояд ҳам меъёрҳои фоизи номиналӣ, даромад ё фоида ва ҳам самаранокии қарз нишон дода шаванд.

8. Ғайр аз маълумоте, ки дар бандҳои 7, 8 ва 9 Тартиби мазкур омадааст:

- ба муштарӣ моҳият ва аҳамияти таърихи қарз шарҳ дода мешавад, аз ҷумла ӯ огоҳ карда мешавад, ки дар сурати иҷро нашудани уҳдадориҳо аз рӯи қарз, дар ин бора маълумот ба бюрои таърихи қарз пешниҳод карда мешавад;

- муштарӣ огоҳонида мешавад, ки дар сурати иҷро нагардидани уҳдадориҳояш, қарз ба таври маҷбурӣ аз ҳисоби молу мулки ба гарав гузошташуда ва дар сурати нокифоягии молу мулки ба гарав гузошташуда аз ҳисоби дигар молу мулки муштарӣ ситонида мешавад;

- ба муштарӣ ҳуқуқи ӯ дар асоси бебозгашт даст кашидан аз гирифтани қарз дар давраи пас аз бастани шартнома ва то лаҳзаи гирифтани маблағҳои пулӣ хабар дода мешавад;

- дар сурати будани гаравдеҳ, зомин, кафил ё шахси дигар, ки ҷониби шартномаи қарзӣ ба ҳисоб меравад, ҷавобгарии онҳоро шарҳ дода, дар шакли озоди хаттӣ ризоияти онҳо гирифта мешавад ва ҷавобгарии муштараки умумиро оид ба қарз шарҳ дода мешавад;

- ба амонатгузор фаҳмонида мешавад, ки Бонк уҳдадор аст маблағи пасандоз, амонати бонкӣ, ё қисми онро бо дархости аввали амонатгузор пардохт намояд, ба истиснои пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки дар гарав ба сифати таъминнокӣ гузошта шудаанд;

- ба амонатгузор (шахси воқеӣ) шарҳ диҳад, ки дар сурати муфлисшавии Бонк ҷуброни пасандозҳо ё амонатҳои бонкӣ аз тарафи муассиси Бонк ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ҳаҷм ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" пардохт мегардад.

9. Агар Бонк аз пешниҳоди хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда даст кашад, бо дархости истеъмолкунанда ба ӯ нусхаҳои асли ҳуҷҷатҳое, ки истеъмолкунанда аз шахсони сеюм барои пешниҳод ба Бонк бо мақсади истифода намудани хизматрасонӣ (маълумотнома аз ҷои зист ё кор, санади баҳогузории молу мулк, ҳуҷҷати ба таври нотариалӣ тасдиқшуда ва ғайра) ба даст овардааст, баргардонида мешавад.

10. Хангоми интиқоли маблағ ба истеъмолкунанда маълумоти зерин пешниҳод карда мешавад:

- рӯйхати низомҳои пардохтие, ки интиқоли маблағро анҷом медиҳанд;

- рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки барои интиқоли маблағ заруранд;

- шартҳои анҷом додани интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;

- ҳаҷми ҳадди ақал ва ниҳоии интиқоли маблағ, агар чунин ҳаҷм бо қонунгузории давлати хориҷии дахлдор муқаррар шуда бошад;

- андозаи ҳаққи хизматрасонӣ, ки аз ҷониби истеъмолкунанда пардохт мегардад, агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад;

- муҳлати интиқоли маблағ;

- қурби мубодилавӣ ва тарзи муайян кардани он;

- миқдор ва асъоре, ки ба кишвари таъиноти интиқоли маблағ пардохт мешавад;

- шартҳои бозхонд, тағйири маълумот ва бекор намудани интиқоли маблағ;

- тартиби аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳоди иддао ва тартиби ҳалли баҳсҳо, аз ҷумла маълумот оид ба тамос бо Бонк;

- дигар маълумоти иловагие, ки ба хусусиятҳои хоси интиқоли маблағ алоқаманд мебошанд.

11. Қабл аз додани қарз ва қабули пасандоз ба истеъмолкунанда маълумотнома дар бораи шартҳои асосии чунин хизматрасониҳо тибқи замимаҳои 1 ва 2 Тартиби мазкур пешниход карда мешавад.

12. Дар шартномаҳо оид ба додани қарз, қабули пасандоз ва дигар шартномаҳо оид ба хизматрасониҳои Бонк, маълумоти ҳадди ақал, ки дар Дастурамали №241 Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ" дарҷ шудаанд, ба таври ҳатмӣ дарҷ карда мешаванд.

13. Оид ба тағйироти андозаи меъёри фоиз/ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар пардохтҳои истеъмолкунанда, ки дар шартнома бо муштарӣ дарҷ шудаанд, инчунин дар бораи тағйирот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба иҷрои иҷрои уҳдадориҳои муштарӣ таъсир мерасонанд, муштарӣ ба таври хаттӣ, электронӣ ё тавассути алоқаи телефонӣ огоҳ карда мешавад.

14. Бонк дар раванди муаррифӣ намудани маҳсулоти қарзии худ, аз ҷумла маҳсулоти қарзии нав, иқдомҳои гуногун ва ғайра, ҳуқуқ надорад дар воситаҳои таблиғотӣ маълумоти нодурусту бардурӯғро истифода намояд.

15. Барои хизматрасониҳои маҳсулотҳои бонкӣ дар доираи Тартиби мазкур Бонк тибқи Нархномаи хизматрасони мавҷуда, ҳаққи хизматрасониро мегирад.

16. Нархномаи хизматрасониҳои Бонк дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба муштарӣ имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:

– бо ҷойгир кардани Нархномаи хизматрасонӣ дар сомонаи расмии Бонк www.amonatbonk.tj;

– ба воситаи ҷойгир намудани Нархномаи хизматрасонӣ дар Гӯшаҳои иттилоотии саридора ва филиалҳои Бонк;

– ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва паёмакҳо;

– бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки муштарӣ тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи Бонк омадааст.

## БОБИ 4. ТАЛАБОТИ УМУМӢ НИСБАТИ МУНДАРИҶАИ МАЪЛУМОТИ НАШРШАВАНДА

17. Бонк тибқи меъёр, тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур пешбинишуда ҳисоботи молиявии солона ва хулосаи аудиторӣ, маълумот дар бораи фаъолият ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, дар бораи сохтори моликият, сохтори ташкилӣ ва идоракунӣ, шахсони алоқаманди худ, инчунин риояи талаботи меъёрҳои мақбул ва дигар талаботи барои истеъмолкунандагон муҳимро (бо риояи сирри бонкӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда) нашр менамояд.

18. Маълумоти нашршаванда, аз ҷумла дар шакли электронӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- муҳим будани иттилоот;
- мутобиқати маълумот ба ҳолати ҷорӣ;
- боэътимод будани иттилоот;
- инъикоси дурусти далелҳо ва мавҷуд набудани хатоиҳои назаррас;
- саривақтӣ будани иттилоот;
- дастрас будани иттилоот.

19. Ҳангоми нашри маълумот талаботи зерин риоя карда мешаванд:

- маълумот бояд бо забони сода ва фаҳмо нашр шуда, набояд калимаву ибораҳои печидаву душворфаҳм ва истилоҳҳои касбиву техникиро дар бар гирад;

- маълумот бояд ҳадди ақал бо забони давлатӣ (ғайр аз нашрияҳо бо забони хориҷӣ, нашрияҳои махсус) ифода карда шавад;

- маълумот бояд ба истеъмолкунанда бо ҳуруфи андозааш калони хоно ва матни фаҳмо, инчунин дар шакле пешниҳод карда шавад, ки истеъмолкунанда тавонад ба осонӣ маълумоти зарурии худро пайдо намояд;

- маълумот дар бораи хизматрасонӣ тавре пешниҳод карда мешавад,ки барои истеъмолкунанда аз нуқтаи назари дарки моҳияти хизматрасонӣ ва арзёбии мутобиқати он ба ниёзҳои худ бамаврид ва пурмуҳтаво бошад;

- маълумот дар бораи хизматрасонӣ набояд шартҳои муҳимро пинҳон созад ва ё аҳамияти онҳоро коҳиш дода, тасаввуротеро ба миён орад, ки онҳо муҳим нестанд;

- маълумоте, ки манфиат аз хизматрасонии пешниҳодшавандаро пешбинӣ менамояд, бояд хавфҳои дахлдорро (дар сурати мавҷуд будани

онҳо) инъикос намояд.

## БОБИ 5. НАШРИ МАЪЛУМОТ ДАР СОМОНАИ БОНК

20. Бонк маълумотҳои зеринро дар сомонаи худ ҷойгир менамояд:

– дар саҳифаи аввали сомона маълумот оид ба ном, суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, реҷаи корӣ, рақамҳои телефони боварии Бонк ва Бонки миллии Тоҷикистон;

– маълумот дар бораи таъсис ва бақайдгирии давлатии Бонк, рақам ва санаи додани иҷозатнома барои амалӣ гардонидани фаъолияти бонкӣ, рӯйхати амалиётҳои бонкӣ дар он зикргардида, оинномаи Бонк, ҳаҷми сармояи оинномавӣ;

– сохтори Бонк бо дар назардошти филиалҳо, номгӯй, маҳалли ҷойгиршавӣ, реҷаи корӣ ва рақамҳои телефон барои тамоси филиалҳо, намояндагиҳо, дигар воҳидҳои сохтории Бонк, номгӯй ва маҳалли ҷойгиршавии агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ, банкоматҳо, терминалҳои электронӣ ва терминалҳои худкори худхизматрасон;

– ҳисоботи молиявии солонаи Бонк, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, инчунин хулосаи охирини аудиторӣ, ки эътимоднокии онро тасдиқ мекунад. Ҳисоботи молиявии солона дар сомонаи расмӣ тибқи тартиби хронологӣ (барои се соли охир) бо зикри номгӯи ҳисобот, давраи ҳисоботие, ки он таҳия шудааст ва санаи ҷойгиркунии он дар сомонаи Бонк ҷойгир карда мешавад;

– ҳисобот дар бораи меъёрҳои мақбул, аз ҷумла меъёрҳои кифоятии сармоя ва меъёри пардохтпазирии ҷорӣ;

– сохтори моликияти Бонк;

– маълумот дар бораи шахсони алоқаманди (вобастаи) Бонк: насаб, ном ва номи падар (барои шахсони ҳуқуқӣ: ном ва суроға);

– ҳайати (аъзои) шӯрои нозирони Бонк: насаб, ном ва номи падар, ҷойи кори асосӣ (дар ҳолати мавҷуд будан);

– ҳайати (аъзои) мақомоти иҷроияи Бонк: насаб, ном ва номи падар, мансаби ишғолнамуда;

– маълумот дар бораи хизматрасониҳои воқеан пешниҳодшавандаи Бонк ва шартҳои асосии онҳо;

– усули ҳисоби меъёри фоизӣ барои истифодаи қарз, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда шудааст;

– маълумот оид ба тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои истеъмолкунандагон;

– маълумот дар барои тартиби пешниҳоди муроҷиатҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла мавриди шикоят қарор гирифтани амали (беамалӣ) кормандони Бонк, бо зикри маълумот барои тамос (телефон,

суроға, ному насаб) бо шахсони масъули Бонк, ки ба онҳо истеъмолкунандагон барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ муроҷиат карда метавонанд;

– рақамҳои телефон, суроғаи почтаҳои электронӣ ва дигар воситаҳои алоқа, ки тавассути онҳо истеъмолкунандагон метавонанд ба Бонк дар тамос шаванд.

21. Маълумоти дар сомонаи расмии Бонк нашршаванда мунтазам ва дар қисматҳои алоҳида тавре ҷойгир карда мешаванд, ки истеъмолкунанда имконияти ба осонӣ дарёфт кардани маълумоти барояш заруриро дошта бошад.

22. Сомонаи расмии Бонк қисматҳои зеринро дар бар гирад:

- дар бораи КВД БА ҶТ "Амонатбонк";
- ҳисоботҳои молиявӣ;
- хизматрасониҳо;
- саҳмиядорон ва роҳбарон;
- робита бо КВД БА ҶТ "Амонатбонк";
- ҳуқуқҳои муштариён;
- маълумот оид ба қурби мубодилавӣ ва қурби интиқоли асъори хориҷӣ;
- ҳисобкунакҳои қарз ва амонат;
- харитаи ҷойгиршавии филиалҳо ва марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ.

23. Бонк мунтазам нав кардани маълумот ва дастрасии озоди шабонарӯзиро ба маълумоте, ки дар сомонаи расмӣ ҷойгир шудааст, ба ҳама шахсони манфиатдор бемаҳдудият таъмин менамояд. Мунтазам нав кардани маълумот дар сомонаи расмӣ маънои онро дорад, ки дар мавриди тағйирот ба мундариҷаи маълумот, чунин тағйирот дар сомонаи расмӣ бояд дар муддати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ аз санаи ворид кардани он ҷойгир карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки тибқи конунгузорӣ муҳлати дигари нав кардани маълумот муқаррар гардидааст. Дар ҷойи намоёни ҳар як саҳифаи сомонаи расмии Бонк истинод ба санаи навсозии маълумот дар саҳифаи мазкур бо зикри сана (рӯз, моҳ, сол) нишон дода мешавад.

24. Дар ҳолати ғайриимкон ё маҳдуд будани дастрасии истеъмолкунандагон ба маълумоти дар сомонаи расмии Бонк ҷойгиршуда, бинобар сабаби ҷой доштани камбудиҳои техникӣ, барномавӣ ва ғайра, Бонк чораҳои бартараф кардани онҳо ва барқарор намудани дастрасии истеъмолкунандагон ба чунин маълумотро андешида, дар сомонаи расмии худ эълон оид ба сана ва вақти маҳдуд будани дастрасӣ, инчунин вақти эҳтимолии барқарор шудани дастрасӣ ба маълумотро барои истеъмолкунандагон ҷойгир мекунад.

## БОБИ 6. НАШРИ МАЪЛУМОТ ДАР НАШРИЯҲОИ ЧОПӢ

25. Бонк тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи молиявии солона, аз ҷумла ҳисоботи молиявии солонаи маҷмӯии аз аудити берунӣ (мустақил) гузаштаи худро дар муддати на дертар аз як моҳ пас аз гирифтани хулосаи аудиторӣ дар воситаҳои ахбори оммаи чопӣ (на камтар аз ду рӯзномаи ҷумҳуриявӣ, ки нашрияҳои расмӣ ба ҳисоб меравад) нашр менамояд.

26. Ҳангоми нашри ҳисоботи солона, Бонк суроғаи саҳифаи дахлдори сомонаи расмии Бонкро, ки дар он ҳисоботи солона дар ҳаҷми пурра ҷойгир шудааст, қайд менамояд.

27. Илова ба маълумоти дар сомонаи расмӣ ҷойгиршуда, Бонк метавонад маълумот дар бораи хизматрасониҳои пешниҳодшавандаро дар шакли бюллетенҳои алоҳидаи иттилоотӣ бо қайди нархнома, шартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ, маълумот барои тамос (рақамҳои телефон ва/ё суроғаи ин маълумот) нашр намояд.

28. Бюллетенҳои иттилоотӣ метавонад барои ҳар як намуди хизматрасонӣ алоҳида нашр карда шаванд.

## БОБИ 7. ҶОЙГИР КАРДАНИ МАЪЛУМОТ ДАР МАҲАЛҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНК

29. Дар филиалу марказҳои хизматрасонии Бонк дар ҷойҳои намоён ва дар шакли барои истеъмолкунандагон мувофиқ маълумот оид ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда бо риояи талаботи Дастурамали №242 Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ” ҷойгир карда мешавад.

30. Бо дархости истеъмолкунандагон Бонк уҳдадор аст маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

– нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии Бонк ё ҳуҷҷати дигар, ки бақайдгирии давлатии Бонкиро тасдиқ мекунад;

– нусхаҳои иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ;

– нусхаи ҳисоботи молиявии солона ва/ё нусхаи буклетҳо, брошюраҳо, бюллетенҳо ва дигар нашрияҳое, ки ҳисоботи молиявии мазкурро дар бар мегиранд;

– маълумот дар бораи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва нархномаҳои онҳо;

– рӯйхати агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ ва суроғаи ҷойгиршавии онҳо.

31. Маълумот дар бораи хизматрасониҳои аз ҷониби Бонк пешниҳодшаванда ба истеъмолкунандагон ба таври ройгон дар шакли бюллетенҳои алоҳидаи иттилоотӣ пешниҳод мешавад.

## БОБИ 8. ТАЛАБОТ НИСБАТИ МУНДАРИҶАИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА

32. Ҳангоми нашри маълумот дар бораи хизматрасониҳои аз ҷониби Бонк пешниҳодшаванда дар сомона ва дар варақаҳои иттилоотӣ,

маълумоти нисбатан муҳим оид ба ҳар як хизматрасонии пешниҳодшаванда, нархнома ва ҳаққи хизматрасониҳо, шартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ, инчунин маълумот барои тамос (рақамҳои телефон ва/ё суроғаи электронӣ), ки тавассути он маълумоти пурра дар бораи хизматрасониҳо дастрас мегардад, ҷойгир карда мешавад.

33. Маълумот оид ба қарзҳо маълумоти зеринро дар бар мегирад:

1) меъёри фоизии самараноки солона аз рӯи намудҳои қарз бо шарҳи фарқият байни меъёрҳои номиналӣ ва самараноки фоизии солона;

2) тартиби ҳисоби фоизи қарз, аз ҷумла бо пешниҳоди намунаи ҳисоби фоизҳо;

3) ҳаққи хизмат ё дигар пардохтҳо (дар ҳолати мавҷудият) ва ҳаҷми онҳо, ки барои гирифтани қарз ҳамчун пардохти ҳатмӣ ба ҳисоб меравад;

4) ҳаҷми ноустуворона (ҷарима) дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадориҳо аз ҷониби қарздор ё муштарӣ ва ҳолатҳои татбиқ намудани ноустуворона, инчунин огоҳинома оид ба эҳтимолияти ба вуҷуд омадани оқибатҳои манфӣ ҳангоми иҷро нагардидани уҳдадориҳо, аз ҷумла:

- оид ба эҳтимолияти ситонидани маҷбурии қарз аз ҳисоби молу мулки ба гарав гузоштташуда;
- дар бораи таърихи қарз;
- дар ҳолати иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз ҷониби қарздор/муштарӣ ва кофӣ набудани гарав барои рӯйпӯш кардани онҳо;
- оид ба эҳтимолияти пардохти уҳдадориҳои қарздор/муштарӣ аз ҳисоби молу мулки дигари қарздор ё муштарӣ (дар ҳолати мавҷудият).

34. Маълумоти мазкур бояд алоҳида, дар ҷойи намоён ҷойгир карда шавад.

35. Дар маълумот оид ба қарзҳо бо асъори хориҷӣ қайд карда мешавад, ки тағйироти қурби мубодилавии асъори хориҷӣ метавонад ба пардохтҳо барои баргардонидани қарз таъсир расонад.

36. Дар маълумот оид ба воситаҳои электронии пардохтӣ бояд иттилооти зерин дарҷ карда шавад:

- намуди воситаҳои электронии пардохтии пешниҳодшаванда ва мансубияти онҳо ба низомҳои пардохтӣ;
- номгӯи хизматрасониҳо, ки тариқи воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод карда мешаванд, аз ҷумла шикоят намудан нисбати амалиётҳо, тартиб ва усули истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (яъне намуди амалиётҳои гузаронидашаванда ва тарофаҳои хизматрасонӣ);
- тартиби амал намудан дар мавриди гум кардан/дуздида шудан ва истифодаи беиҷозати воситаҳои электронии пардохтӣ, тавсифи масъулияти Бонк ва дорандаи воситаҳои электронии пардохтӣ, ки аз амалиёти мазкур бармеояд;
- рӯйхати суроғаи банкоматҳо, терминалҳои хазинавии Бонк ва терминалҳои электронии (аз ҷумла QR-рамз) дар ташкилотҳои савдою хизматрасонӣ насбгардида, ки воситаҳои электронии пардохтиро

хизматрасонӣ менамоянд;

- дар ҳолате, ки Бонк хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ (тариқи шабакаи интернет, алоқаи мобилӣ ва ғайра) пешниҳод менамояд, ҳамчунин тартиб ва шартҳои хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ низ дарҷ карда мешаванд.

37. Илова ба маълумот оид ба суратҳисобҳои бонкӣ иттилооти зерин пешниҳод карда мешавад:

- намудҳои амалиётҳои дахлдор тариқи суратҳисоб ва/ё маҳдудиятҳо;
- дар ҳолати пардохти фоиз аз рӯи маблағҳои пулӣ тариқи суратҳисоб, ҳаҷми меъёри номиналии фоизӣ, тартиб ва давраи баҳисобгирӣ;
- ҳаҷми бақияи ҳадди ақал дар суратҳисоб;
- шартҳои пешниҳоди беруннависи суратҳисоб, нусхаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ё дигар маълумотҳо вобаста ба амалиётҳои тариқи суратҳисоб гузаронидашаванда.

38. Илова ба маълумот оид ба амонатҳои бонкӣ иттилооти зерин пешниҳод карда мешавад:

- тартиби ҳисоби фоиз ва муҳлати пардохт;
- эълон дар бораи андоз аз даромади фоизӣ (дар сурати мавҷуд будан);
- хабарнома дар бораи андозаи кафолатдодашудаи амонат тибқи талаботе, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" муқаррар кардааст;
- шартҳои пешниҳоди беруннависи суратҳисобҳо, нусхаҳо ё дигар маълумотҳо оид ба амалиётҳои бо суратҳисоб гузаронидашуда.

39. Дар маълумотнома оид ба интиқоли маблағҳо иловатан иттилооти зерин дарҷ мегардад:

- рӯйхати низомҳое, ки интиқоли маблағро анҷом медиҳанд;
- номгӯи ҳуҷҷатҳои барои интиқоли маблағ ҳатмӣ;
- муҳлати интиқоли маблағ;
- ҳаҷми маблағи ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии интиқоли маблағҳои пулӣ, агар чунин ҳаҷм муқаррар шуда бошад, бо дар назар доштани маҳдудиятҳо нисбати маблағҳои интиқолӣ ба кишварҳои хориҷӣ, ки қонунгузории кишвари дахлдор пешбинӣ намудааст;
- асъори интиқоли маблағ ва қурби мубодилавӣ;
- интиқол/дастрас намудани маблағҳои пулӣ, шартҳои боздошт, бозхонд, тағйири маълумот, бекор намудани интиқоли маблағ ва баргардонидани маблағҳои интиқолӣ;
- тартиби пешниҳоди иддао ва тартиби ҳалли баҳсҳо;
- дигар маълумоти иловагие, ки ба хусусиятҳои хоси интиқоли маблағ алоқаманд мебошад.

40. Хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва маҷмуи барномаҳои компютерӣ ва мобилӣ ҳангоми мавҷуд

будани имкониятҳои техникии муштарӣ ва Бонк ба амал бароварда мешавад.

41. Ҳуҷҷатҳои дар муносибати байни муштарӣ ва Бонк истифодашавандае, ки ба тариқи электронӣ аз ҷониби муштарӣ ба Бонк равон карда мешаванд, ҳангоми натиҷаи мусбии аутентификатсия ва мушаххаскунии муштарӣ, аз номи муштарӣ фиристонидашуда ҳисоб меёбанд ва ҳамчун баробар ба ҳуҷҷати қоғазии бо даст имзо гардида эътироф карда мешаванд ва ба ҳуҷҷатҳои дар ҳомили қоғазӣ будае, ки аз ҷониби Тарафи дахлдор бо дасти худ имзо шудаанд, баробар карда мешавад.

## БОБИ 9. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

42. Ҳамаи дигар масъалаҳое, ки бо Тартиби мазкур ба танзим дароварда нашудаанд, Тарафҳо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мешаванд ва тибқи нишондодҳои он амал мекунанд.

43. Ҳамаи шартҳо, талаботҳо, қоидаҳо ва дигар тағйироту иловаҳои ба он воридшаванда, қисми ҷудонашавандаи Тартиби мазкур мебошад.

Замимаи №2 ба Тартиби ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ ва нашри маълумот

# МАЪЛУМОТНОМА

оид ба шартҳои асосии пасандоз

Маълумотнома шартномаи пасандози бонкиро иваз наменамояд! Пеш аз он ки ба бастани шартномаи пасандози бонкӣ розӣ шавед, шартҳои онро бодиққат омӯзед!

| ҚИСМИ 1. Маълумот оид ба пасандози бонкӣ | | |
|---|---|---|
| 1. Намуди пасандоз | | |
| 2. Маблағи пасандоз | | |
| 3. Мухлати ҷалби пасандоз | (санаи интиқоли маблағи пасандоз ба суратҳисоби пасандози истеъмолкунанда ва санаи хориҷ намудани маблағи пасандоз аз суратҳисоби пасандоз бо мақсади баргардонидани он ба суратҳисоби истеъмолкунанда, ки дар ариза - шартнома дарҷ шудааст) | |
| 4. Асъори пасандоз | | |
| 5. Фоизҳо аз рӯи пасандоз пардохтшаванда | (бо ифодаи фоиз) | (маблағи мутлақ барои ҳамаи давраи пасандоз) |
| 6. Шартҳо барои ҳисоб намудан ва пардохти фоизҳо аз рӯи пасандоз | Давраи пардохт (моҳона, ҳар семоҳа, солона) | |
| 7. Ҳаққи хизматрасонӣ ва пардохтҳои Бонк вобаста ба қабули пасандоз ва хизматрасонии он | (бо ифодаи фоиз, агар чунин ҳолат тибқи шартномаи пасандози бонкӣ ҷой дошта бошад) | (маблағи мутлақ барои ҳамаи давраи Пасандоз) |

| | | |
|---|---|---|
| 8. Андоз аз даромади пасандозгузор вобаста ба гирифтани фоида аз пасандоз | (бо ифодаи фоиз, агар чунин ҳолат тибқи шартномаи пасандози бонкӣ ҷой дошта бошад) | (маблағи мутлақбарои ҳамаи давраи пасандоз) |

## ҚИСМИ 2. ДИГАР ШАРТҲОИ МУҲИМ

9. Пасандозгузор ҳуқуқ дорад дар ҳама вақти дилхоҳ пеш аз муҳлат баргардонидани пасандозро тибқи шартҳои шартномаи пасандозӣ талаб намояд.

10. Агар Бонк меъёри фоизиро нисбат ба пасандоз дар рафти амали шартномаи пасандози бонкӣ тағйир диҳад, он гоҳ Бонк бояд як моҳ қабл пасандозгузорро бо зикри меъёри фоизии тағйирдодашуда огоҳ созад, агар дар шартнома чунин ҳолат пешбинӣ шуда бошад.

11. Дар ҳолати муфлисшавии Бонк, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” ба роҳ монда мешавад.

| | |
|---|---|
| Дурустӣ ва боэътимодии маълумот тасдиқ карда шудааст | Ман гирифтани маълумотномаро тасдиқ мекунам |
| ______________________ | ______________________ |
| (Ному насаб ва имзои намояндаи Бонк) | (Ному насаб ва имзои пасандозгузор) |

Эзоҳ: ҳар ду саҳифаҳои маълумотномаи мазкур дар як варақ чоп карда мешавад.

Замимаи №1 ба Тартиби ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ ва нашри маълумот

# МАЪЛУМОТНОМА

дар бораи шартҳои асосии қарз

Маълумотнома шартномаи қарзиро иваз намекунад!

Пеш аз он ки ба бастани шартномаи қарзӣ розӣ шавед, шартҳои онро бодиққат омӯзед!

| ҚИСМИ 1. Маълумот оид ба қарз | | |
|---|---|---|
| 1. Маблағи қарз | | |
| 2. Мухлати ниҳоии баргардонидани қарз | | |
| 3. Меъёри номиналии фоиз | (бо ифодаи фоиз) | (маблағ бо ифодаи мутлақ барои тамоми муҳлати қарз) |
| 4. Меъёри самараноки фоизии солона | Ҳаққи хизматрасонӣ ва пардохтҳои Бонк барои гирифтани қарз ва хизматрасонии он (бо ифодаи фоиз, агар дар шартнома дарҷ гардида бошад) | (маблағ бо ифодаи мутлақ барои тамоми муҳлати қарз) |
| 5. Дигар хароҷотҳо (суғурта, шаҳодатномаи нотариалӣ ва ғ., ҳамааш нишон дода шавад) | Дар ҳолате, ки дар шартҳои шартнома пешбинӣ шуда бошанд) | (маблағ бо ифодаи мутлақ барои тамоми муҳлати қарз) |
| **ҚИСМИ 2. Маълумотҳои иловагӣ** | | |
| 6. Давраи пардохти маблағи асосӣ | (ҳар моҳ, ҳар семоҳа ё ғ.) | |
| 7. Давраи пардохти фоизҳо | (ҳар моҳ) | |
| 8. Маблағи пардохти яквақтаи маблағи асосӣ | (ҳангоми пардохтҳои дифферентсионӣ) | |

| | |
|---|---|
| 9. Маблағи пардохти яквақтаи маблағи асосӣ | (ҳангоми пардохти аннуитетӣ) |

| |
|---|
| |

Арзиши пурраи қарз = 1+3+4+5
Пардохти маблағи умумӣ, ки Шумо пас аз тамоми пардохтҳо анҷом медиҳед
(бо ифодаи мутлақ нишон дода мешавад)

| ҚИСМИ 3. Ноустуворонаҳо ва таъминоти қарз | |
|---|---|
| 10. Ноустуворонаи аҳдшиканӣ барои вайрон кардани шартҳои шартномаи қарзӣ (ҳамааш нишон дода шавад) | (бо ифодаи фоиз ё бо маблағи устувор) |
| 11. Ноустуворонаи аҳдшиканӣ барои пардохти батаъхирафтода истифода мешавад, агар пардохт дар мӯҳлати муайян анҷом дода нашавад. | (бо ифодаи фоиз ё бо маблағи устувор) |
| 12. Дигар ноустуворонаҳо | |
| 13. Таъминоти қарз | |

## ҚИСМИ 4. Дигар шартҳои муҳим

14. Шумо барои пеш аз мӯҳлат баргардонидани маблағи қарзи асосӣ дар вақти дилхоҳ бе ситонидани ноустуворона ҳуқуқ доред.

15. Дар сурати пардохт накардан, қарз ҳатман тибқи шартнома аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва дар сурати нокифоягии молу мулки ба гарав гузошташуда, аз ҳисоби дигар молу мулк ситонида мешавад.

16. Дар сурати пардохт накардан, қарз ҳатман тибқи шартнома аз зомин/зоминҳо ситонида мешавад (барои қарзҳое, ки таҳти замонат дода мешаванд).

17. Маълумоти шумо дар бораи қарз, аз ҷумла дар сурати пардохт накардани қарз ба бюрои таърихи қарз пешниҳод карда мешавад.

| | |
|---|---|
| Дурустӣ ва боэътимодии маълумот тасдиқ карда шудааст | Ман гирифтани маълумотномаро тасдиқ мекунам |
| ______________________________ | ______________________________ |
| (Ному насаб ва имзои намояндаи Бонк) | (Ному насаб ва имзои қарзгиранда) |

Эзоҳ: ҳар ду саҳифаҳои маълумотномаи мазкур дар як варақ чоп карда мешавад.